# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо ба таҳқиқ ва баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон бахшида шудааст. Таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик маҳсули марҳалаҳои гуногуни тараққиёти ҷомеаи тоҷикон буда, аз ҳисоби забони зиндаи халқ-лаҳҷаву шеваҳо сарватманд гаштаву такмил ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки тамоми иқтидор ва ғановатмандии забони тоҷикӣ, қабл аз ҳама, дар офаридаҳои шоиру нависандагони тоҷик, хусусан, осори насрии адибони он инъикос ёфтааст. Ин ду қабати забони тоҷикӣ дар ҳолати додугирифти мудом ва таъсири ҳамешагии тарафайн қарор дорад.

Омӯзиши осори адибон имконият медиҳад, ки дар забоншиносии тоҷик ба мақоми калима дар таркиби ҷумла, хусусиятҳои савтӣ, рушди маъно ва имкониятҳои морфологию калимасозии он баҳои ҳаққонӣ дода шавад. Баррасии масъалаи истифодаи диалектизмҳо дар осори мансури адибони тоҷик барои инкишофи нутқи адабӣ ва адабии гуфтугӯии ҷомеа, дарки матлаб, баёни кутоҳу муҷаз, ҳозирҷавобӣ, беҳтар гардидани маданияти гуфтори одамони синну соли гуногун мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, унвонҷӯ доир ба мақоми диалектизмҳо, анвои онҳо, омилҳои роҳ ёфтанашон ба забони асари бадеӣ, мақсадҳои услубию фардии адибон дар офаридани образҳои гуногун ва ҳодисаҳои мухталиф, нишон додани муколамаи байни персонажҳоро дар заминаи маводи асарҳои насрии адиби шинохтаи тоҷик – Сорбон, ки интихобу истеъмоли калимаҳои лаҳҷавии осори ӯ дар робита ба инъикоси ҳодисаву рӯйдодҳои гуногун дар ин ё он маҳалли ҷуғрофӣ, ки ба ҳудуди интишори шеваю лаҳҷаҳои забонамон – шеваи шимолӣ, лаҳҷаҳои гузаранда ва шеваи ҷанубӣ мувофиқ меоянд, муайян кардааст.

Мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» дар забоншиносии тоҷик ҳамчун объекти таҳқиқ бори аввал сурат мегирад. Таҳқиқи он барои ҳалли масоили хусусиятҳои луғавию маъноии калима (дар лексикология - вожагон), ба тағйироти савтӣ дучор омадани калимаҳо дар муҳитҳои гуногуни этнолингвистӣ (дар бахши савтиёт), нишон додани алоқаи байниуслубӣ – услубҳои гуфтугӯйӣ ва

бадеӣ, мушкилоти фарҳанги гуфтор, муайян намудани робитаи байни шевашиносӣ ба забони адабии муосир бо услубшиносӣ ва маданияти сухан мусоидат хоҳад кард.

Мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқи диссертант гурӯҳбандӣ, таҳлилу муқоиса ва муайян намудани хусусиятҳои услубии диалектизмҳои осори мансури Сорбон дар давраи Истиқлол ба шумор меравад. Ба ин васила, таҳқиқи ҳамаҷонибаи таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик, рушди меъёрҳои он, наздик гардидани забони адабӣ бо гӯйишҳои мардумӣ ва ниҳоят, то ҳадди ба як забони умумихалқӣ дастрасу фаҳмо расидани он осон мешаванд ва шароитҳои зарурӣ фароҳам мегарданд. Дар робита ба ин масъала, корбурди диалектизмҳоро унвонҷӯ чун як қисми муҳимми луғати забони асари бадеӣ бо хусусиятҳои луғавию маъноӣ, тематикӣ, услубию эмотсионалӣ ва экспрессивияшон ба инобат гирифта, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Асосҳои назарии таҳқиқро дар рисолаи мавриди назар таълимоти забоншиносони рус: В. В. Виноградов, Ф. П. Филин, Д. Н. Шмелёв, Г. О. Винокур, Е. М. Шанский, А. В. Калинин, О. С. Ахманова, О. Б. Сиротина, А. М. Ефимов, А. Л. Брагина, В. Н. Прохорова, А. И. Фомина, В. С. Расторгуева, инчунин тадқиқоти муҳаққиқони тоҷик: Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Ш. Исмоилов, Ғ. Ҷӯраев, С. Раҳматуллозода, Н. Гадоев ва дигарон, ки ба масоили забон ва услуби асари бадеӣ ва мушкилоти лаҳҷашиносии тоҷик бахшида шудаанд, дар диссертатсияи мазкур ташкил медиҳанд.

Навгони илмии рисолаи мазкур қабл аз ҳама, дар он инъикос меёбад, ки ба сифати мавзуъ ва масъалаи илмӣ дар забоншиносии тоҷик дар шакли рисолаи алоҳидае, ки дар он як қабати луғавии забон – диалектизмҳо дар осори адиби барҷастаи тоҷик, ки дар осори он унсурҳои луғавии гӯйишҳои шимолӣ, лаҳҷаҳои гузарандаи водии Ҳисор, шеваи ҷанубӣ бо мақсадҳои гуногун дарҷ ёфтаанд, ба тариқи муқоиса бори нахуст баррасӣ гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мақсад ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан, мувофиқ аст.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат ва рисола оварда шудааст, инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо, ки 9-тоанд, фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад. Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» – таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

- **Шафоатов Азал Нусратович** - доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов»;

- **Табаров Хайрулло Назарович** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов О.Ҳ.
Имзои О.Ҳ. Қосимовро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734019, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиева 17/6
www.ddzt.tj

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода С.
Имзои С. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрии
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоев Ш.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод, 25,
Телефон: +992 (37) 227-59-38, +992 (37) 227-78-29. Почтаи эл:
info@kumitaizabon.tj

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Мухторов З.М.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир 33, Телефон: +992 888802777
info@mdis.edu.tj

28-уми марти соли 2024